**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Дар идоракунии давлатӣ яке аз институтҳои нави ҳуқуқи маданӣ ин шартномаи эскроу ба ҳисоб меравад, ки дар солҳои охир дар амалияи ҳуқуқӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муайянро касб менамояд. Зарурати мустаҳкамгардии институти мазкур дар қонунгузории кишвар пеш аз ҳама ба рушди муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ, густариши фаъолияти соҳибкорӣ, ва ҷалби сармоягузорӣ дар мамлакат вобастагӣ дорад. Танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу ба таъмини шаффофият, эътимоднокӣ ва коҳиш додани хавфҳои ҳуқуқӣ мусоидат намуда, барои таъмини иҷрои уҳдадориҳо ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти маданӣ аҳаммияти хосса касб менамояд.

Аз ин рӯ, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз ҷониби муаллиф саривақтӣ, мубрам ва дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Муаллиф дар автореферат дуруст қайд намудааст, ки бо рушди бахши хусусӣ ва муносибатҳои шартномавӣ зарурати истифодаи воситаҳои кафолатноки таъмини иҷрои уҳдадориҳо афзоиш ёфта, шартномаи эскроу метавонад ҳамчун механизми самараноки ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо истифода гардад.

Мазмуни автореферат нишон медиҳад, ки таҳқиқот ба омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии шартномаи эскроу бахшида шудааст. Дар он масъалаҳои марбут ба мафҳум, моҳият, табиати ҳуқуқӣ, хусусиятҳои шартномаи эскроу, таърихи пайдоиш ва ташаккули он, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, вазъи ҳуқуқии субъектҳои шартнома, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо, асосҳои қатъ гардидани шартнома ва ҷавобгарии ҳуқуқии онҳо таҳлил гардидаанд.

Муаллиф мубрамияти мавзуъро бо далелҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ асоснок намудааст. Аз ҷумла, ба таври дуруст нишон дода шудааст, ки рушди босуръати соҳаи сохтмон, афзоиши шумораи ташкилотҳои сохтмонӣ ва зиёд гардидани муносибатҳои молиявӣ байни шаҳрвандон ва субъектҳои соҳибкорӣ зарурати истифодаи механизмҳои боэътимоди ҳифзи ҳуқуқиро ба миён овардааст. Дар ин самт шартномаи эскроу метавонад ҳамчун воситаи муҳими ҳифзи манфиатҳои тарафҳо ва пешгирии хавфҳои иқтисодӣ хизмат намояд.

Бартарии муҳими таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф масъалаҳои ҳуқуқии шартномаи эскроуро на танҳо аз нуқтаи назари қонунгузории миллӣ, балки дар муқоиса бо қонунгузорӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ таҳлил намудааст. Чунин равиш имкон медиҳад, ки таҷрибаи пешқадами дигар давлатҳо омӯхта шуда, роҳҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шаванд.

Дар автореферат доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ истифода шудааст. Муаллиф осори олимони ватанӣ ва хориҷиро мавриди таҳлил қарор дода, кӯшиш намудааст масъалаҳои баҳсталаби назариявиро муайян ва арзёбӣ намояд. Аз ҷумла, мавқеи олимон оид ба табиати ҳуқуқии шартномаи эскроу, таносуби он бо дигар намудҳои шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ ва нақши он дар низоми воситаҳои таъмини иҷрои ухдадориҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мантиқӣ ва мушаххас муайян шудаанд. Вазифаҳое, ки муаллиф барои расидан ба ҳадафи таҳқиқот гузоштааст, бо мазмуни диссертатсия мувофиқат намуда, ба ошкор намудани ҷанбаҳои асосии масъала равона гардидаанд. Объект ва мавзуи таҳқиқот низ дуруст муайян карда шуда, ба доираи масъалаҳои мавриди омӯзиш пурра мутобиқат менамоянд.

Асоси методологии таҳқиқот низ сазовори баҳои мусбат мебошад. Муаллиф аз маҷмуи усулҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлил, синтез, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва низомӣ-сохторӣ истифода намудааст, ки он барои ошкор намудани моҳияти масъала ва таҳияи хулосаҳои илмӣ мусоидат кардаанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи мадани, махсусан институти шартномаҳо ва воситаҳои таъмини иҷрои ухдадориҳо истифода шаванд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда дар самти ҳуқуқи шартномавӣ заминаи мусоид фароҳам оваранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот низ назаррас мебошад. Пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти мақомоти судӣ, нотариалӣ, бонкҳо ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба шартномаи эскроу истифода шаванд. Хусусан дар шароити рушди муносибатҳои сармоягузорӣ ва сохтмони манзил истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба баланд гардидани самаранокии танзими ҳуқуқӣ мусоидат намояд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати зикршуда, баъзе масъалаҳо метавонанд мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гиранд.

Яке аз масъалаҳое, ки муаллиф нисбатӣ он кам таҳқиқот анҷом додааст, ин худи истилоҳи «эскроу» мебошад, зерро дар хулосабарории кор оид ба ин истилоҳи нав ҳеҷ пешниҳоде дида намешавад. Оё имкони тарҷумаи истилоҳи мазкур ба забони давлатӣ ба хотири оммафаҳ намудани он вуҷуд дошт ё не? Инчунин варид ба зикр аст, ки камбудиҳои автореферат дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф ҳангоми баррасии масъалаҳои марбут ба механизми эскроу шарҳу тавзеҳи кофӣ оид ба моҳият ва мазмуни худи истилоҳи «эскроу»-ро пешниҳод накардааст. Дар ҳоле ки барои дарки дурусти масъалаҳои таҳқиқшаванда ва равшан гардидани ҷойгоҳу нақши ин институт дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои асосии он зарур ба назар мерасид.

Бо вуҷуди эродҳои зикршуда, ки хусусияти баҳсӣ ва тавсиявӣ доранд, онҳо ҳеҷ гоҳ арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодаро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи «Танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти мустақилона анҷомдодашуда буда, масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии ҳуқуқи маданиро фаро мегирад. Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф асоснок ва қобили қабул мебошанд.

Аз ин рӯ, метавон ба хулоса омад, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
сардори раёсати робитаҳои хориҷӣ
байнипарламентӣ ва ташрифотии
Дасстгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маҳмадшозода
Фарҳод Абдураҳмон

**Имзоро тасдиқ менамоям:**
Мудири шуъбаи кадрҳо ва
коргузории махсуси Дастгоҳи Маҷлиси
намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сафарзода
Файзали Сафар

«22» 05 соли 2026

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.
Тел.: (+992 37) 221-33-07.
E-mail: kadr.parlament.@mail.ru